ПРОТОКОЛИ № 17_

ҷаласаи Шурои диссертатсионии **6D.KOA-039**

аз «15» сентябри соли 2025

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

Раиси Шуро: Амирбеков М.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №135/шд, тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доштанд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо захрзамбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ.

Баромад намуданд: раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ветеринарӣ Амирбегов М., котиби илмии шуро, номзади илмҳои ветеринарӣ Ҳасанов Ф.Д. ва аъзои шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои биологӣ Турдиев Ш.А., доктори илмҳои ветеринарӣ Сахимов М.Р., ва номзади илмҳои ветеринарӣ Назруллозода С.Ҳ.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо захрзамбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар хайати зерин тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои биологӣ Сатторов Н.Р.
- номзади илмҳои ветеринарӣ Одинаев Қ.А.
- номзади илмҳои ветеринарӣ Андамов И.Ш.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 10 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест. **Якдилона қонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ветеринарӣ Амирбеков М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ Ҳасанов Ф.Д.